**Тақриз**

**ба рисолаи Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар мавзӯи “Ҷусторҳои ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияи эҷодиёти ӯ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик**

Таҳаввулоти шеъри муосири тоҷик, ки оғози он ба солҳои шастуми асри гузашта пайванд мегирад, ба номи чанд тан аз чеҳраҳои барчастаи адабиёти имрӯз такя мекунад, ки бегумон номи устод Лоиқ дар сархати онон қарор дорад. Бо такя бар ҳамин ҷойгоҳи махсуси ин суханвари беназири адабиёти имрӯз аст, ки аз солҳои нахустини асри бистуяк, ки ба қавли худи шоир “оғозаш анҷоми Лоиқ” буд, як ҷараёни густардаи нақду баррасии шеъри ӯ ба миён омада, мунтақидону муҳаққиқон ва ҳатто муаррихону мухлисони ашъори шоир аз ҳар зовия ба шинохти эҷодиёти суханвар пардохтанд. Вале бо ин ҳама эҳсос мешавад, ки ҳанузам ҷанбаҳои фаровони ниёз ба таҳқиқи шеъри устод Лоиқ ба назар мерасанд, ки ба қавле ишорат ба фузунии суханҳои ногуфта мекунанд. Рисолаи номзадии Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар мавзуи “Ҷусторҳои ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияи эҷодиёти ӯ” дар шумори чунин таҳқиқоте ба шумор меравад, ки дар таъйини ҷойгоҳи устод Лоиқ дар ташаккули шеъри имрӯз ва тамоюлҳои пешқадами он нақши муассир дорад. Аз фишурдаи рисола бармеояд, ки муаллиф асосан маҷмуи таҳқиқоти то ин замон роҷеъ ба эҷодиёти Лоиқ Шералӣ анҷомёфтаро мутолеа ва дидгоҳҳои аслии мунаққидону шоиронро мавриди таҳлил қарор қарор додааст, то барои баёни андешаҳои фардии хеш заминаҳо фароҳам оянд. Дар канори ин, дар рисола бо истифода аз равиши таърихияти таҳқиқ ҷараёни таҳаввули ҳунари шоирии Лоиқ шуруъ аз маҷмуаҳои аввалин то мароҳили ниҳоии зиндагӣ ва эҷоди ӯ ба таври зарурӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифта, бар асоси он хулосаҳои муҳимии илмии муаллифи рисола баён гардидаанд.

Дар боби аввали рисола бо мақсади баёни дақиқ ва мушаххаси матолиб ва тайъини ҷусторҳои ҳунарии Лоиқ Шералӣ ва сабки фардии ӯ ба баррасии вазъи адабии солҳои шастуми асри XX руҷуъ намуда, дар заминаи қиёс бо намояндагони дигари ин муҳими адабӣ нақши муассири ин суханварро дар эҷоди инқилоби маънавӣ, ҳунарӣ дар шеъри муосир мушаххас гардонидааст.

Дар бобҳои дувуму савуми рисола бошад, муҳимтарин ҷусторҳои ҳунарии шеъри устод Лоиқ аз назари рангорангии мавзуъ ва мундариҷаи

ашъори ӯ ва шеваҳои хоси баён ва тарҳи матолиб, таснифоти жанрии эҷодиёти суханвар ва арзишҳои адабиву бадеии онҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Инчунин нақш ва мақоми Лоиқ Шералӣ дар ҷараёни идомаи суннатҳои адабиву бадей ва ташаккули шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик ба таври барҷаста дар рисола таҳқиқ шудааст , ки ҳамагӣ ба арзишҳои муҳими илмӣ ва талошҳои унвонҷӯ дар шинохти ҳар чӣ бештари мавқеъ ва мақоми ин шоири нотакрор дар адабиёти муосири тоҷик таъкид меварзанд. Хусусиёти чаҳорпораҳои устод Лоиқ ва нақши суханвар дар ташаккули ин навъи шеърӣ бошад ба сурати ҷудогона шарҳу тафсир шудаанд.

Дар канори ин дастовардҳо аз мутолеаи фишурдаи рисола маълум мегардад, ки дар он бархе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ба эътибор гирифтани онҳо минбаъд барои тақвияти боз ҳам бештари ковишҳои илмии муаллифи рисола мусоидат хоҳанд намуд.

1. Зимни мутолеаи фишурдаи рисола маълум мегардад, ки муаллиф дар муқаддима асосан ба се нашри "Куллиёт"-и устод Лоиқ баъд аз даргузашти ӯ ҳамчун намунаҳои асосии мероси шоир ишорат мекунад. Хуб мебуд ба силсилаи "Девон"-и шоир низ, ки давоми солҳои охир ба чоп расидаанд, махсусан "Девон"-и соли 2018 бо сарсухани Шоираи халқии Тоҷикистон Фарзона тариқи нашриёти "Хуросон" ба чоп расид, руҷуъ намояд, чун дар таҳқиқоти илмӣ ҳамеша ба матолиби тозаву нав авлавият бахшида мешавад.

2. Аз руи фишурда маълум гардид, ки боби аввали рисола танҳо аз як фасл таркиб ёфтааст. Баъди мурочиат ба матни рисола дар сомонаи донишгоҳ маълум шуд, ки маҷмуан андешаҳои муаллиф дар ин боб дар ҳаҷми 26 саҳифа баён гардидаанд. Беҳтар мебуд, ки ин боб ҳам ба унвони фасли аввал ба боби дувуми рисола ҳамроҳ карда шавад.

3. Мусаллам аст, ки дар меҳвари баррасиҳои илмии унвонҷу ҷусторҳои ҳунарии Лоиқ Шералӣ ва фардияти эҷодии ӯ қарор дорад. Таъйини чавҳари аслии ҳунари шоирӣ ва фардияти эҷодӣ пеш аз ҳама дар таҳқиқи мактаби эҷодии суханвар бештару пештар имконпазир аст. Бегумон устод Лоиқ ба эҷоди чунин мактаби бузури ҳунарӣ муваффақ гардиданд. Агар унвонҷӯ ба масъалаи нақши мактаби Лоиқ Шералӣ дар адабиёти муосири тоҷик низ таваҷҷуҳ зоҳир менамуд, арзиш ва аҳамияти илмии рисолаи ӯ боз ҳам бештар мегардид.

Дар умум, рисолаи номзадии Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар мавзӯи "Ҷусторҳои ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияи эҷодиёти ӯ" аз ҷумлаи таҳқиқоти муҳим ва арзишманд дар шинохт ва маърифати шеъру андешаи ин устоди сухан махсус ёфта, дар

таъйини бисёре аз масоили муҳими марбут ба эҷодиёти шоир ва саҳифаҳои камтар таҳқиқшудаи ашъори ӯ аз аҳамияти муҳим бархурдор мебошад. Аз ин рӯ, муаллифи рисола шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик мебошад.

Нуров Нуралӣ Норович,
номзади илмҳои филологӣ,
Ходими илмии институти илмҳои ҷомеашиносии
ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Раҷабов Боҳир Мукаммилович,
номзади илмҳои филологӣ,
Ҷонишини сардори раёсати илм ва инноватсияи
ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков, 1
тел: (83422) 6-37-26, e-mail: rector@hgu.tj

Имзои номзадҳи илмӣ филологӣ,
Нуров Н.Н. ва номзади илмҳои
филологӣ Раҷабов Б.М.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсус Ашрапова З.

21.01.2019